*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) манзур шудааст.**

Дар шароити муосири таҳаввулоти низоми иҷтимоию иқтисодӣ, новобаста аз нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии кишварҳо, як силсила мушкилоти сохтории иҷтимоӣ ҳамчун таҳдидҳои устувор боқӣ мемонанд. Инҳо пеш аз ҳама масъалаҳои ҳамгироии қишрҳои осебпазири ҷомеа ба бозори меҳнат, таъмини шуғли босуботи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ҳифзи экосистема ва гузариш ба амсилаҳои хоҷагидории мутобиқ ба тағйирёбии иқлим мебошанд. Мавҷудияти ин мушкилот ба сатҳи амнияти иқтисодии миллӣ таъсири мустақим расонида, зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои нави инноватсионии танзими равандҳои иҷтимоиро ба миён меорад.

Дар чунин вазъият, муайян намудани стратегияҳои муассири ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таҳким ва такмили низоми фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи инфрасохтори институтсионалӣ метавонад ба коҳиши шиддати буҳронҳои иҷтимоӣ, фарогирии васеи шугли аҳолӣ, дастгирии ташаббусҳои экологӣ ва дар маҷмуъ ба устувории амнияти иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

Таҳқиқоти илмии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик ба омӯзиши яке аз самтҳои муҳимтарини иқтисодиёти муосир бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мубрамии мавзуи интихобшуда бо

омилҳои афзоиши хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ, шиддати равандҳои муҳоҷирати берунӣ, мушкилоти таъмини шуғли маъюбону занон ва зарурати гузариш ба иқтисодиёти «сабз» ҳамчун кафили суботи дарозмуддати миллӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф дар доираи кори илмии худ нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳамчун ниҳоди асосии таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ муайян карда, исбот менамояд, ки фаъолияти ин бахш метавонад дар коҳиши паёмадҳои манфии иҷтимоии муҳоҷират, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои маъюбон ва рушди соҳибкории иҷтимоӣ нақши созанда дошта бошад. Дар диссертатсия робитаи зичи байни сиёсати иҷтимоӣ, идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва амнияти иқтисодӣ бо истифода аз далелҳои илмӣ собит шудааст.

Нуқтаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар таҳқиқот консепсияи иқтисоди сабз ҳамчун унсури таҳкими амнияти иқтисодӣ баррасӣ шуда, саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар татбиқи лоиҳаҳои экологӣ ва коҳиши хавфҳои иҷтимоӣ ба таври муфассал нишон дода шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва бахши ғайридавлатӣ манфиати зиёди амалӣ доранд.

Бо мақсади боз ҳам амиқтар намудани муҳтавои илмии таҳқиқот ва тақвияти ҷанбаҳои татбиқи он, баррасии пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор аст:

1. Барои инъикоси ҳамаҷонибаи паҳлуҳои институтсионалии амнияти иқтисодӣ, таҳлили механизмҳои ҳамкории байнисоҳавӣ дар қолаби «давлат - ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ - бахши хусусӣ» густариш дода мешуд.

2. Сенарияҳои дурнамои рушди амнияти иқтисодӣ бо назардошти дигаргуниҳои демографӣ, тағйирёбии ҷараёнҳои муҳоҷират ва гузариш ба амсилаи иқтисоди сабз таҳия ва таҳлил карда мешуданд.

Новобаста аз ин, қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми

идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ), ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедари баҳисобгирии муҳосибӣ
ва аудити ДБССТ Каримов Б. Ҳ.

«_____» ____________ 2026 с.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Б.Ҳ.Каримовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

«_____» ____________ 2026 с.

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорин Тоҷикистон**
**Суроға:** 734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
+992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24
**E-mail:** info@iutet.tj